**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-059**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(7340025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Азимӣ Саламат дар мавзӯи «Институтҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон: ҷиноят, ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси 6D030100 - Ҳуқуқшиносӣ, пешниҳод шудааст**

Диссертатсияи Азимӣ Саламат ба яке аз мавзӯъҳои муҳими хусусияти назариявӣ ва амалидоштаи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар замони муосир бахшида шудааст. Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон инкишофи рӯзафзуни ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки дар солҳои охир сурат гирифта, дар сатҳи байналмилалӣ ба ҳайси меъёрҳои қобили риоят пазируфта шудааст, мадди назар гирифта шуда, барои ҳар ҷиноят таъриф пешниҳод мешавад ва ё ҳадди ақал аломатҳои он зикр ёфта, ҳуқуқи ҷазо монанди принсипи таносуби ҷиноят ва ҷазо, принсипи риояи каромати инсонӣ, принсипи шахсӣ ва фардӣ будани ҷазо ва дигар принсипҳо бояд тасреҳ ва риоя гардад.

Аз ин ҷост, ки Азимӣ Саламат бо далелҳои қотеъ ва раднопазир, инчунин бо истифода аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таҷрибаи судию тафтишотӣ, гузаронидани пурсишҳои сотсиологӣ, таҳлили дақиқӣ институтҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон: ҷиноят, ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазоро дар диссертатсия пешниҳод намудааст.

Тадқиқоти диссертатсионӣ аз ихтисорот, муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад. Дар муқаддимаи диссертатсия аҳамияти мавзӯи мазкур вобаста ба ҳаёти имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳонӣ оварда шуда, қобили қабул мебошад. Аз ҷумла, махсусан қайд мегардад, ки таҳқиқ ва истиқрори адолат, таъмини ҳуқуқу озодиҳои асосии аъзои ҷомеа, пойдории низом ва амният дар ҷомеа, пешгирӣ аз содир намудани ҷиноятҳо, инчунин бархӯрд бо ҷинояткорӣ ва вайронкунандагони қонун аз амалҳои аслии муассисаҳои зисалоҳ дар танзими муносибатҳои муайян дар фаъолияти иҷтимоӣ мебошад.

Вобаста ба ин, навгониҳои муаллифи автореферантро ҳамчун падидаи прогрессивӣ дастгирӣ бояд кард. Зеро, муаллиф дар доираи таҳқиқоти анҷомдода сари камбудию норасоиҳои «Институтҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон: ҷиноят, ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо» руҷуъ намуда, баҳри такмил додани қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии

Исломии Афғонистон кушиши зиёд ба харҷ дода, пешниҳодҳои қобили таваҷҷӯҳ манзур намудааст.

Дар баробари ин, тадқиқоти анҷомдодаи Азимӣ Саламат аз камбудию норасоиҳо холӣ набуда, дар он баъзе камбудиҳое низ ҷой доранд.

Чунончӣ, дар нуктаи №3, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад (саҳ. 8), оварда шудааст, ки "Хусусияти хоси сохти ҷамъиятию давлатии Афғонистон дар он аст, ки дини ислом то имрӯз дар ҷомеаи ин кишвар эътибору қувваи муассир дорад. Тамоми қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ дар заминаи пайравии қатъӣ ба меъёрҳои ислом қабул карда мешаванд. Мутобиқи м. 3-и Қонуни асосии ҶИА дар Афғонистон ҳеҷ қонуне наметавонад мухолифи муътақидот ва аҳкоми дини муқаддаси ислом бошад. Моддаи 2-и КҶ ҶИА муқаррар менамояд, ки муртакиби ҷароими ҳудуд, қисос ва дият мутобиқи аҳкоми фиқҳи ҳанафии шариати ислом муҷозот мегардад. Аз ин бармеояд, ки давлат тавассути қонунгузории ҷиноятӣ танҳо ҷиноятҳои таъзирӣ ва ҷазо барои онҳоро муқаррар мекунад. Бо дарназардошти ин, лоиқ дониста мешуд, ки қонунгузории ҷиноятии ҶИА на танҳо ҷиноятҳои таъзирӣ, инчунин масъалаи ҳудуд, дия ва қисосро низ мавриди танзими худ қарор медод". Аммо, дар ин ҷо суоле ба миён меояд, ки оё ин пешниҳод ба худи низоми давлатдории Афғонистон рост меояд ё не, зеро Афғонистон ҷумҳурии исломӣ буда, сарчашмаи асосии ҳуқуқии онро шариат ташкил медиҳад, ки масоили ҳудуд, қисос ва дият дар он батанзим дароварда шудааст. Инчунин аз оне, ки қонунгузории ҷиноятии ҶИА масъалаи ҳудуд, дия ва қисосро мавриди танзими худ қарор диҳад, чӣ таъсир ҷиҳати ноил гардидан ба мақсадҳои ҷазо, расонида мешавад?

Камбудии номбаргардида қиммати тадқиқоти диссертатсионии мазкурро коста намегардонад, зеро он дорои хусусияти ҷузъӣ мебошад.

Мақсад ва вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда аз ҷониби муаллиф пурра иҷро шудаанд. Диссертатсия ба талаботи навгонии илмӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар мақолаҳои илмии чопнамудаи муаллиф муҳтавои асосӣ ва пешниҳодҳои муаллиф дарҷ шудаанд.

Ҳамин тариқ, тадқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)", ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ гардидааст ва "Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферетҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия", ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Аз ин рӯ, тадқиқоти анҷомдодаи Азимӣ Саламат оид ба масъалаҳои «Институтҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон: ҷиноят, ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси 6D030100 - Ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст, ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

Сардори Раёсати ташкили кор ва назорати
иҷрои Прокуратураи генералии Ҷумҳурии
Тоҷикистон, мушовири давлатии адлияи
дараҷаи 2, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ А.Х. Холмуҳаммадзода

Имзои Холмуҳаммадзода А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳои
Прокуратураи генералии Ҷумҳурии
Тоҷикистон Ф.М. Бобоҷонзода